# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-066-и назди донишгоҳи миллии точикистон барои дарёфти дарачаи илии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №__**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз «25» июни соли 2026, тахти №35**

Барои сазовор донистани Искандарзода Манижа Раҳматуло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология.

Диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи "Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология санаи 26-уми марти соли 2026, суратмаҷлиси №32 аз ҷониби Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.07.2024 с., №223) ба ҳимояи қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Искандарзода Манижа Раҳматуло, соли таваллудаш 1996, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соли 2014 ба ихтисоси психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар зинаи таҳсилоти бакалавр дохил шуда, онро соли 2018 бомуваффақият хатм намудааст. Баъдан, соли 2018 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, Донишгоҳро соли 2020 аз рӯйи ихтисоси психология, ҳамзамон, соли 2023 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бомуваффақият хатм намудааст. Искандарзода Манижа Раҳматуло соли 2023 ба сифати унвонҷӯйи кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, фаъолияти меҳнатии худро бошад аз соли 2018 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз намуаст. Айни замон, ба ҳайси мутахассиси шуъбаи робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҳамзамон ассистента кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст. Мавзуи диссертатсия дар маҷлиси кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 15 ноябри соли 2023, суратмаҷлиси №4 ва қарори Шурои олимони факултети фалсафаи ДМТ аз 22-юми ноябри соли 2023, тахти №4 зери унвони "Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон

(таҳлили системавӣ)”, зери роҳбарии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси психология, дотсенти кафедраи психологияи факултети фалсафа Латифзода Сомон Зариф тасдиқ гардид. Дар асоси супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба Искандарзода Манижа Раҳматуло маълумотнома дар бораи имтиҳонҳои номзадии супоридашуда санаи 23 апрели соли 2025 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст. Диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар ҷаласаи кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14-уми январи соли 2026 суратҷаласаи 6 муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ**:

**Латифзода Сомон Зариф** –доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси психология, дотсенти кафедраи психологияи ДМТ

**Муқарризони расмӣ:**

**- Зайтметов Хусайн Авазхонович** – доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

**- Холиқзода Холмаҳмад Холиқ** – номзади илмҳои психологӣ, ходими калони илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби ташхисгар, номзади илмҳои психологӣ, муаллими калон Абдураҳмонов Г.Н. омода карда шуда, дар семинари васеъи илмӣ-назариявии кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо роҳбарии раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ф.О. Раҷабова имзо гардида ва аз ҷониби ректори ҳамин донишгоҳ, Ж.Б.Гулназарзода доктори илмҳои филологӣ, профессор аз 16уми майи соли 2026, суратҷаласаи № 9 тасдиқ карда шудааст.

Дар тақризи худ қайд менамоянд, ки диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи «**Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)**» ба бандҳои 76-79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Искандарзода Манижа Раҳматуло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахс, таърихи психология мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда, он чиз ба асос гирифта шудааст, ки аз рӯйи ихтисоси психология корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло алоқамандӣ доранд.

Довталаб 8 маводи чопӣ дорад, ки аз инҳо 4-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**I. Мақолаҳои чопшудаи муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Искандарова, М.Р. Сарчашмаҳои таърихӣ – ҳамчун методҳои таҳқиқотии таърихи психология [Матн] / М.Р. Искандарова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2024. – №2 (51). – С. 50-54

[2-М]. Марказҳои илмӣ-таҳқиқотии психологӣ дар Тоҷикистон: маълумотномаи таърихӣ [Матн] / М.Р. Искандарова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Душанбе. – 2024. – №3. (52). – С. 76-79

[3-М]. Искандарова, М.Р., Латифзода С.З. Рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон [Матн] / М.Р. Искандарова С.З. Латифзода // Пажуҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣва психологӣ. – 2024. – №4 (48). – С.97-103

[4-М]. Искандарова, М.Р. Латифзода С.З. Таърихи мухтасари ташаккул ва рушди психологияи ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.Р. 39 Искандарова, С.З. Латифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (қисми 1). – 2024. – №5 (60). – С. 128-136

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[5-М]. Искандарова, М.Р. Саҳми академик Д.И. Фелдштейн дар бунёд ва рушди хадамоти психологӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.Р. Искандарова // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» 2024. -Ҷилди II - С. 56-59

[6-М]. Искандарова, М.Р. Таърихи рушд ва инкишофи психологияи эмперикӣ [Матн] / М.Р. Искандарова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии

илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва унвонҷӯёну докторантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025-2030)», «700-солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» ва «115-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода». - С. 188- 192

[7-М]. Искандарова, М.Р. Психологияи илмӣ: заминаҳои таърихии рушди он [Матн] / М.Р. Искандарова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва унвонҷӯёну докторантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025- 2030)», «700-солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» ва «115-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода». - С. 185- 188

[8-М]. Искандарова, М.Р. Нақши психотаърих дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / М.Р. Искандарова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Тамоюлҳои рушди психологияи муосир ва татбиқи онҳо дар низмои таҳсилоти рақамӣ” (12-уми феврали соли 2026). - С. 157-163.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод гардид:**

– доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро - **Рустамов Ш.Ш.(тақриз эрод надорад, мусбӣ арзёбӣ шудааст);**

– номзади илмҳои психологӣ, муалими калони кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, ба номи А.Рӯдакӣ **Абдуллоева М. (эрод надорад, мусбӣ арзёбӣ шудааст);**

– номзади илмҳои психологӣ, мудири кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Қурбонов Нуъмон Холматович– чунин эродҳо ба назар мерасад:**

1. Баррасии таҳлили васеи муқоисавии рушди психология дар Тоҷикистон бо дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ метавонист хусусйятҳои фарққунанда ва умумии рушди соҳаро равшантар намояд.
2. Дар автореферат саҳми як қатор олимони муосири тоҷик дар рушди самтҳои алоҳидаи психология ба таври фишурда инъикос ёфтааст. Таҳлили муфассалтари фаъолияти онҳо метавонад арзиши илмии таҳқиқотро боз ҳам афзун намояд.

Новобаста аз ин тақризҳо мусбат буда, дар он эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

– аввалин маротиба дар Тоҷикистон таҳлили системавии таърихи рушд ва вазъи кунунии психологияи ватанӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода шуд;

– таҳлили психологии пурсишномаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ нишон доданд, ки мутахассисони касбӣ бинобар сабаби расонаӣ накардани дастовардҳои хеш ғайримутахассисон ҷойи онҳоро ишғол намуданд;

– таҳлили шабакаҳои иҷтимоӣ ҷиҳати муайян кардани вазъи кунунӣ ва мушкилоти психологияи амалӣ дар Тоҷикистон ва нигоҳи мардум ба он;

– қобилият ба эмпатия дар мутахассисони касбӣ ва ғайримутаххассион, ки ба фаъолияти психологияи илмию амалӣ машғуланд, метавонад ба фаъолияти касбии онҳо монеаи ҷиддиро эҷод намояд;

– омода намудани пурсишномаҳои психологӣ ҷиҳати муайян намудани вазъи кунунӣ ва дурнамои фаъолияти касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ аз ҷониби муаллиф.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот имкон медиҳад, ки заминаҳои таърихии рушди психологияи илмию амалӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ омӯзиш ва муайян карда шавад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот бо таҳия ва коркарди пурсишнома, ҳамзамон, муайян кардани вазъи кунунии рушди психологияи ватанӣ, инчунин муайяну мушаххас намудани сифатҳои муҳимми касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ алоқаманд аст. Маълумоти аз таҳқиқот бадастомадаро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми дарси фанни психология, ҳамзамон, дар воҳидҳои кадрӣ ҷиҳати қабули психологон ба кор мавриди истифодаи васеъ қарор дод.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият ва таърихи психология мутобиқат мекунад: – бандҳои 36 – «таърихи психологияи ватанию хориҷӣ. Баҳамалоқамандии ҷаҳонбинии муҳаққиқ ва андешаҳои психологии ӯ»; – банди 37 – «таърихи психология».

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**.

Саҳми шахсии довталаб аз муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот,

таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Ҳолатҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки мухтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб маҳсуб ёфта, дар заминаи таҳқиқи психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон ва сифатҳои муҳимми касбии ин фаъолият ошкор карда шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 25-уми июни соли 2026 қарори сазовор донистани Искандарзода Манижа Раҳматуло бо додани дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ __13__ нафар иштирок доштанд, ки аз ин шумора __1__ нафар ба таври маҷозӣ, аз ҷумла докторони илм __2__ нафар наздик ба ихтисоси диссертатсия. Аз __13__ нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор __13__ нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раисикунанда, доктори илмҳои психологӣ, дотсент** **С.Б. Бобоева**

**Котиби Шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои психологӣ, дотсент** **З.Р. Сафарзода**

**25.06.2026**